**Суратҷаласаи №14**

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ

аз 12 ноябри соли 2020

Иштирок доштанд:
Аз 20 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ 17 нафар,
аз рӯйи ихтисос 4 нафар

12 ноябри соли 2020, соати 13.00 дар толори Шӯрои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, шаҳраки Буни Ҳисорак, 10) ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 022 баргузор шуд. Вақти анҷоми ҷаласа: 15.20.

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Охунзода Насруддин дар мавзӯи **«Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик»** аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Ахбори муовини раиси Шӯрои диссертатсионӣ, профессор Ҷ. Садуллоев шунида шуд.

Диссертатсия дар кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Муродӣ Мурод Бердӣ** – доктори илмҳои филологӣ, профессор.

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Бобоҷониён Ранохон Маҳмудзода** – доктори илмҳои филологӣ, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**2. Шарипов Сангимурод Исматуллоевич** – номзади илмҳои филологӣ, иҷрокунандаи вазифаи декани факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав».

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

Котиби илмии Шӯро дар бораи унвонҷӯ ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда маълумот дод.

Унвонҷӯ Охунзода Насруддин бо муҳтавои кори диссертатсионӣ ба ҳозирин маълумот дод. Ба саволҳои аъзои Шӯро, профессорон М. Нарзиқул, У. Сафаров ҷавоб дод.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессор Муродӣ Мурод Бердӣ тақризашро пешниҳод намуд.

Котиби Шӯро матни пурраи тақризи муассисаи тақриздиҳанда – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи

академик Бобоҷон Ғафуров» ва тақризҳои ба автореферат воридшударо хонд, ки эродҳо хусусияти тавсиявӣ доштанд.

Муқарризони расмӣ: **Бобоҷониён Ранохон Маҳмудзода** – доктори илмҳои филологӣ, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, **Шарипов Сангимурод Исматуллоевич** – номзади илмҳои филологӣ, иҷрокунандаи вазифаи декани факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» баромад намуданд.

Ба эродҳои муқарризони расмӣ диссертант ҷавоб дод.

Дар муҳокимаи диссертатсия профессорон А. Азимов, У. Сафаров, М. Нарзиқул, Ҷ. Садуллоев, Т. Мардонӣ иштирок карданд.

Сухани хотимавии диссертант шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъйин гардид ва дар ҳайати он 3 аъзо – А. Мамадназаров (раис), У. Сафаров, М. Нарзиқул (аъзо) интихоб гардиданд.

Аз 20 нафар аъзои Шӯро 17 нафар ҳузур доранд: аз инҳо 4 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ: тарафдор – 17, муқобил - нест, бетараф - нест.

Аъзои Шӯро тариқи овоздиҳии ошкоро суратҷаласаи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори Шӯрои диссертатсионӣ дар бораи ба Охунзода Насруддин додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қабул гардид.

## ҚАРОРИ
## Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 12. 11. 2020** **ш. Душанбе**

Баромади Охунзода Насруддин дар мавзӯи «**Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик**» аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, тақризи муассисаи тақриздиҳанда, баромади муқарризони расмӣ – **Бобоҷониён Ранохон Маҳмудзода** – доктори илмҳои филологӣ, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, **Шарипов Сангимурод Исматуллоевич** – номзади илмҳои филологӣ, иҷрокунандаи вазифаи декани факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», муқарризони ғайрирасмӣ, профессорон А. Азимов, У. Сафаров, М. Нарзиқул, Ҷ. Садуллоев, Т. Мардониро шунида, муҳокима карда, Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи

қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Охунзода Насруддин

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Охунзода Насруддин дар мавзӯи «**Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик**» аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ – ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Охунзода Насруддин дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Охунзода Насруддин дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои филологиро диҳад.

Касе, ки тарафдори ин қарори Шӯрои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад.

Зид, бетараф? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

**Муовини раиси Шӯрои диссертатсионӣ, профессор** **Садуллоев Ҷ. М.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент** **Гулназарова Ж. Б.**